# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ

Бо мақсади таъмини рушди минбаъдаи соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ, мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

1) Ба ҳама намуди санҷишҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки корхонаҳои нави истеҳсоли молу маҳсулот таъсис медиҳанд ва/ё техникаю технологияҳои навинро барои васеъ намудани на кам аз нисфи истеҳсолот ҷалб менамоянд аз рӯзи интишори Фармони мазкур ба мӯҳлати се сол мораторий эълон карда шавад.

2) Мораторий нисбат ба санҷишҳое, ки аз рӯи натиҷаи онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шудаанд, татбиқ намегардад.

3) Мақомоти давлатии ваколатдори санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати амалӣ намудани Фармони мазкур чораҳо андешанд.

4) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

-дар мӯҳлати ду моҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро ба Фармони мазкур мутобиқ гардонад;

-дар мӯҳлати се моҳ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи моратории санҷишҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ"-ро таҳия ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;

-дар нимсолаи аввали соли 2012 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро "Дар бораи тасдиқи Тартиби ҳавасмандгардонии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ки дар давраи мораторий ба натиҷаҳои назаррас ноил шудаанд" таҳия ва тасдиқ намояд.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе

30 сентябри соли 2011

№ 1146

## ФАРМОНИ ПЕРЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Дар бораи эълон намудани моратирий ба ҳама намуди санҷишҳои субъектҳои соҳибкории хурду миёна

Бо мақсади дастгирӣ ва рушди минбаъдаи соҳибкории хурду миёна ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

1. Ба ҳамаи намуди санҷишҳои субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи интишори расмии Фармони мазкур ба мӯҳлати ду сол мораторий эълон карда шавад.

2. Муқаррар карда шавад, ки мораторий нисбат ба санҷишҳое, ки мутобиқи қонунгузорӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз шудаанд, татбиқ намегардад.

3. Мақомоти давлатии ваколатдори санҷиш ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Душанбе, вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати амалӣ намудани Фармони мазкур чораҳо андешанд.

4. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати се моҳ:

санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро ба Фармони мазкур мутобиқ гардонад;

лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, таҳия ва ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намояд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
25 июли соли 2008
№ 496

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ, андозаи нафақа ва стипендия

Бо мақсади беҳтар намудани вазъи моддии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мутобики моддаи 103 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" фармон медиҳам:

1. Аз 1 сентябри соли 2012:

- ҳадди ақали музди меҳнат дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат 2,5 баробар зиёд карда шуда, андозаи он 200 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад;

- маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, хона-интернатҳо барои пиронсолону маъюбон ва кӯдакони маъюб ба андозаи 60 фоиз ва дигар муассисаҳои соҳаҳои маорифу ҳифзи иҷтимоӣ (ба истисноп муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки музди меҳнаташон ба музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ баробар карда шудааст) ба андозаи 40 фоиз зиёд карда шавад;

- маоши вазифавии кормандони ташкилоту муассисаҳои соҳаи фарҳанг (ба истисноп муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки музди меҳнаташон ба музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ баробар карда шудааст) ба андозаи 50 фоиз зиёд карда шавад;

- маоши вазифавии кормандони муассисаҳои соҳаи тандурустӣ, ки аз ҳисоби Буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, ба андозаи 40 фоиз зиёд ва андозаи маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани маоши вазифавии кормандони соҳаи тандурустӣ ба маблағи 157 сомонӣ муқаррар карда шавад;

- маоши вазифавии кормандони ташкилоту муассисаҳои соҳаи илм ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (ба истисноп муассисаҳо ва

ташкилотҳое, ки музди меҳнаташон ба музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ баробар карда шудааст) ба андозаи 30 фоиз зиёд карда шавад;

- ҳадди ақали нафақа аз рӯи синну сол 30 фоиз зиёд карда шуда, андозаи он 104 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад;

- ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯи синну сол 30 фоиз зиёд карда шуда, андозаи он 520 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад;

- нафақаҳои меҳнатие, ки дар асоси собиқаи кории пурра таъин гардидаанд ва андозаи онҳо аз 150 сомонӣ кам мебошад, ба 150 сомонӣ баробар карда шаванд;

- стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (ба ғайр аз курсантҳои муассисаҳои олии ҳарбӣ ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон) 50 фоиз зиёд карда шаванд.

2. Аз 1 январи соли 2013 андозаи нафақаи заминавӣ 105 сомонӣ муайян карда шавад.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- дар амал татбиқ намудани Фармони мазкурро дар соли 2012 аз ҳисоби маблағҳои дар Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фонди музди меҳнат ва таъминоти нафақа пешбинишуда, маблағҳои бақияи озод ва иҷрои барзиёди даромади буҷетҳои маҳаллӣ ва аз ҳисоби сарфаи дигар моддаҳои хароҷот ва маблағҳои махсуси муассисаҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ таъмин намоянд;

- дар мӯҳлати як моҳ қарорҳои худро ба Фармони мазкур мутобиқ намоянд;

- ҳисобкунии музди миёнаи меҳнат барои пардохти рухсатиҳои меҳнатӣ, кӯмакпулӣ дар вақти аз кор рафтан, кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва дигар холатҳое, ки ба пардохти музди миёнаи меҳнат алоқаманданд (ба ғайр аз нафақа), мувофиқи Қоидаҳои ҳисобкунии музди миёнаи меҳнат барои пардохти рухсатиҳои меҳнатӣ, кӯмакпулӣ дар вақти аз кор рафтан, кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва дигар ҳолатҳое, ки ба пардохти музди миёнаи меҳнат алоқаманданд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, №313 тасдиқ шудаанд, амалӣ намоянд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

13 августи соли 2012

№ 1313

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия

(Фармони Президенти ҶТ аз 14.08.2013 № 1493)

Бо мақсади беҳтар намудани вазъи моддии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мутобиқи моддаи 103 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" фармон медиҳам:

1) Аз 1 сентябри соли 2011:

- музди меҳнати директорони институтҳо, пажӯҳишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 3,3 маротиба ва музди меҳнати кормандони онҳо, Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ба андозаи 100 фоиз зиёд карда шавад;

- музди меҳнати кормандони раёсатҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони дигар муассисаҳои илмии соҳавӣ ба андозаи 30 фоиз зиёд карда шавад;

- музди меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ, ки аз ҳисоби Буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, ба андозаи 40 фоиз зиёд ва андозаи маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани маоши вазифавии кормандони соҳаи тандурустӣ ба маблағи 112 сомонӣ муқаррар карда шавад;

- маоши вазифавии кормандони ташкилоту муассисаҳои соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва фарҳанг, ки аз Буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, ба андозаи 40 фоиз зиёд карда шавад;

- музди меҳнати кормандони Иттифоқи композиторони Тоҷикистон ба музди меҳнати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон баробар карда шавад (*Бо Фармони Президенти ҶТ аз 14.08.2013 № 1493 аз эътибор соқит дониста шуд*);

- маоши вазифавии кормандони ташкилоту муассисаҳои соҳаи маориф, ки аз Буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, ба андозаи 30 фоиз зиёд карда шавад;

- маоши моҳонаи вазифавии раисон, муовинони раис ва судяҳои судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, судҳои иқтисодӣ ва судҳои ҳарбии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, судҳои шаҳрҳо, ноҳияҳо ба андозаи 100 фоиз зиёд карда шавад;

- маоши моҳонаи вазифавии раисон, муовинон ва судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва музди меҳнати моҳонаи вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 50 фоиз зиёд карда шавад;

- нақшаи маоши вазифавии (меъёрҳои тарифӣ) кормандони прокурорӣ, хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайати шахсии қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ ва кормандони дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва маош барои рутбаи ҳарбӣ (махсус) мувофиқи замимаҳои 1-24 муқаррар карда шавад;

- барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот Ҷадвали ягонаи тарифӣ мувофиқи замимаи 25 мавриди амал қарор дода шавад.

Андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар ҳаҷми 350 сомонӣ муқаррар карда шавад;

- маоши вазифавӣ ва ставкаҳои тарифии кормандони дигар муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки аз Буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд (ба ғайр аз сархатҳои якум, дуюм, сеюм, чорум, панҷум, шашум, ҳафтум, ҳаштум, нӯҳум ва даҳуми банди 1 Фармони мазкур), ба андозаи 30 фоиз зиёд карда шавад;

- музди меҳнате, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2003, № 119 барои кормандони марказҳои (гурӯҳҳои) татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ амалишаванда муайян гардидааст, дар доираи маблағҳои барои нигоҳдории онҳо пешбинишуда ба андозаи 25 фоиз зиёд карда шавад;

- нафақаи меҳнатӣ ва иҷтимоии нафақахӯрон ба андозаи 25 фоизи ҳадди ақали нафақаи муқарраргардида зиёд карда шавад;

- андозаи амалкунандаи стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стипендияи аспирантҳо ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (ба ғайр аз курсантҳои Донишгоҳҳои олии ҳарбӣ ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон) 40 фоиз зиёд карда шавад.

2) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- дар амал татбиқ намудани Фармони мазкурро дар соли 2011 аз ҳисоби маблағҳои дар Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фонди музди меҳнат ва таъминоти нафақа пешбинишуда, аз ҳисоби маблағҳои бақияи озод ва иҷрои барзиёдии даромади буҷетҳои маҳаллӣ ва аз ҳисоби сарфаи дигар моддаҳои хароҷотӣ ва маблағҳои махсуси муассисаҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ таъмин намоянд;

- дар мӯҳлати се моҳ доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод карда, қарорҳои дахлдори худро бо Фармони мазкур мутобиқ намоянд;

- ҳисобкунии музди миёнаи меҳнат барои пардохти рухсатиҳои меҳнатӣ, кӯмакпулӣ дар вақти аз кор рафтан, кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва дигар ҳолатҳое, ки ба пардохти музди миёнаи меҳнат алоқамананд (ба ғайр аз нафақа), мувофиқи Қоидаҳои ҳисобкунии музди миёнаи меҳнат барои пардохти рухсатиҳои меҳнатӣ, кӯмакпулӣ дар вақти аз кор рафтан, кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва дигар ҳолатҳое, ки ба пардохти музди миёнаи меҳнат алоқаманданд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, № 313 тасдиқ шудааст, анҷом дода шаванд.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе

2 августа соли 2011

№ 1126

*** Замимаҳо барои истифодаи хизматӣ.

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Оид ба тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаҳои 20(1) ва 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" фармон медиҳам:

1) Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2) Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот иҷрои талаботи Қоидаҳои мазкурро таъмин намоянд.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе

18 феврали соли 2011

№ 1018